آوازتاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

24 январи соли 2024
Чоршанбе
№ 7
(15018)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ТАШРИФИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН БА ЧИН САР ШУД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ҳамроҳии ҳамсараш бо ташрифи давлатӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин омад.***

Дар аэропорти байналхалқии «Шоуду», ки бо парчамҳои ду давлат оро ёфта буд, ба ифтихори меҳмони олимартаба қаравули фахрӣ саф орост.

Роҳбари давлатамонро вазири маданият ва сайёҳии ҶМЧ Сун Ели ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Бинобар барномаи ташриф 24 январ дар шаҳри Пекин пешвои Ўзбекистон бо Раиси ҶМЧ Си Сзинпин мулоқот намуда, инчунин чандин вохўриҳои дуҷониба бо шахсони расмӣ ва намояндагони доираҳои корчаллони Чин анҷом медиҳад.

Ба рўзномаи чорабиниҳо масъалаҳои минбаъд мустаҳкам намудани муносибати ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ ва вусъат додани ҳамкории амалии вусъатноки Ўзбекистону Чин дохил гаштааст.

**ЎзА.**

## ҲЕЧ КАС БЕ ҲУҶҶАТ НАМЕМОНАД

***Аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон иқдоми ҳуқуқии «Ҳеч кас бе ҳуҷҷат намемонад» гузаронда мешавад.***

Дар доираи иқдоми ҳуқуқӣ, ки аз 20 январ то 20 марти соли 2024 идома меёбад, ба шахсоне, ки бо сабаби ба қайд гирифта нашудани таваллуди онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият надоранд, кумак расонда мешавад.

Ба шахсоне, ки марги хешовандони наздикашон ба қайд гирифта нашудааст, ба шахсоне, ки барои муайян кардани далели ҳуқуқӣ бо сабаби надоштани шаҳодатномаи тиббӣ дар бораи таваллуд ё марги хеши наздик бояд ба суд муроҷиат кунанд, ёрии ҳуқуқӣ дода мешавад.

Ҳамчунин ба шахсоне, ки ҳангоми бақайдгирии давлатӣ ё аз нав бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ба мушкилӣ рў ба рў ҳастанд, ба шахсони дар бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул дучори мушкилот мегарданд, низ кумак расонда мешавад.

Дар чаҳорчўби ин иқдоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар сатҳи ҷумҳуриявӣ таваллуди ба қайд гирифтанашуда ва ҳолати фавти сабти ном нашуда аз рўйхат гузаронда мешаванд.

Муроҷиати шаҳрвандон аз рўйи ин намуд ба воситаи ситодҳои махсусе, ки дар назди шуъбаҳои адлияи ноҳия, шаҳр ташкил карда шудаанд, ё бевосита телефони боварии кўтоҳи «1148» зуд қабул карда мешаванд. Қабулҳои сайёр ташкил карда хоҳанд шуд.

Аз рўйи натиҷа таваллуди шахси мазкур ба қайд гирифта шуда, ҳуҷҷатҳои дахлдор расмӣ гардонда мешаванд. Фавти хешовандони наздик ба қайд гирифта шуда, шаҳодатнома (маълумотнома) дода мешавад. Барои муайян кардани далели таваллуд ё фавт ба суд ариза дода шуда, дар асоси ҳуҷҷати суд сабти таваллуд (фавт) дода мешавад.

Ба субъектҳои соҳибкорӣ дар бақайдгирии давлатӣ ва аз нав бақайдгирии давлатӣ ёрӣ расонда мешавад. Ба шахсоне, ки дар бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ба мушкилот дучор мешаванд, якҷоя бо мақомоти ваколатдор ёрии амалӣ расонда мешавад.

**Н. АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

## ЯРМАРКАИ МЕҲНАТӢ ДАР ДДБ

***Бо ташаббуси «Маркази касб» ва «Маркази кумакрасонӣ ба фарогирӣ бо шуғл»- и шаҳри Бухоро 16 январи соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии Бухоро ярмаркаи меҳнатии ҷойҳои холии корӣ ба амал омад.***

Дар он зиёда аз 50 корхонаю ташкилот бо умеди ҷалб намудани мутахассисон – хатмкунандагони дирўзаю имрўзаи донишгоҳ, инчунин донишҷўёне, ки вақти холӣ нияти кор кардан доранд, бо бештар аз 1000 ҷойи холии кории худ иштирок карданд.

Донишҷўёну хатмкунандагони таълимгоҳи олӣ ба соҳибони кор бо саволҳо муроҷиат намуда, музди кор, имконият ва шароитҳои меҳнатии онҳо шинос шуданд. Тадбир ҳам барои кордиҳандагон ва ҳам барои ҷўяндагони он судовар буд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## МЕХАНИЗМҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРКУНОНИ ТИБ ВАСЕЪ КАРДА МЕШАВАНД

***Барои инсон аз саломатӣ беҳтар хушбахтӣ ва неъмат нест. Зеро агар саломатӣ набошад, фароғату ҳашомат ҳам ба чашм намерасад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир дар мамлакатамон ба рушди сохтори нигаҳдории тандурустӣ ва бо хидмати босифат фаро гирифтани аҳолии маҳалҳо диққати калон дода мешавад.***

Натиҷаи ҳамин ҷидду ҷаҳд аст, ки ҳафт соли охир дар соҳаи тибби мамлакати мо дигаргуниҳои бемисл ба амал омаданд. Бисёр мушкилоте, ки солҳои зиёд ҷамъ шуда, боиси норозигии мардум мешаванд, бартараф карда шуданд.

Маблағҳои аз буҷет барои соҳаи тиб ҷудошуда имрўз нисбат ба соли 2016-ум 5 маротиба зиёд ва маблағҳое, ки барои таъмини беморхонаҳо ва марказҳои ёрии таъҷилӣ бо доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ ҷудо мешаванд, 12 баробар зиёд шудааст, ки ин исботи фикри мо аст.

Ин бешубҳа хурсандиовар аст. Аммо тарафи дигари масъала низ ҳаст, ки дар ин бобат саривақт андешидани чораҳои зарурӣ яке аз вазифаҳои таъхирнопазир мебошад. Яъне ҳар як сўми ба соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ҷудошуда самаранок ва ба мақсад мувофиқ истифода бурда шавад.

Дар ҷаласаи видеоселекторие, ки таҳти раёсати Сарвари давлат баргузор шуд, масъалаи самаранокии хароҷоти буҷет низ алоҳида баррасӣ шуд. Ин беҳуда нест. Зеро соли гузашта аз буҷет ба 1,2 триллион сўм хароҷоти ғайриқонунӣ ва 200 миллиард сўм камомаду дуздӣ роҳ дода шудааст. Маблағҳое, ки ба барномаҳои соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ва кишоварзӣ ҷудо шудаанд, пурра истифода бурда нашудаанд.

Дар ин маврид, ба мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Сарпрокуратура гузаронидани Инспексияи назорати давлатии молиявии назди Вазорати иқтисод ва молия ба мақсад мувофиқ шуд. Ин дар навбати худ ба таъмини хароҷоти мақсадноки маблағҳои буҷетӣ такон мебахшад.

Маълум аст, ки механизмҳои Суғуртаи тиббии давлатии дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ҷоришуда низомест, ки дар баробари васеъ намудани имкониятҳои кафолатноки аҳолӣ ва ёрии тиббии босифат, ба баланд бардоштани истифодаи самараноки маблағҳои буҷетии ба соҳа ҷудошуда хидмат мекунад.

Суғуртаи тиббии давлатӣ, ки дар ибтидо дар муассисаҳои тиббии вилояти Сирдарё ҷорӣ карда шуда буд, тадриҷан дар марказҳои илмию амалии тиббии ҷумҳурӣ ва зиёда 20 муассисаи тиббии хусусӣ татбиқ карда шуд. Аз соли ҷорӣ дар тамоми минтақаҳо марҳила ба марҳила татбиқ кардани ин механизм ба нақша гирифта шудааст.

Дар низоми мавҷуда маблағҳои ба соҳа ҷудошуда, сарфи назар аз шумораи беморони табобатшуда ба муассисаҳои тиббӣ равона шуда ва дар асоси механизмҳои суғурта ин маблағ аз рўйи ҳаҷми ёрии тиббӣ ба бемор ва миқдори маблағу дору ва лавозимоти тиббие, ки ба ў харҷ карда шудааст, равона карда мешавад.

Яъне суғуртаи тиббие, ки дар сохтори тандурустии миллӣ ҷорӣ карда шудааст, механизми самарабахши маблағгузории система мебошад, ки дар доираи он саломатии ҳар як шаҳрванд аз буҷети давлат дар асоси пакети кафолат суғурта карда мешавад. Зеро дар низоми суғурта пардохтҳо барои хидматрасонии тиббӣ бо усулҳои маблағгузории натиҷавӣ сурат мегиранд ва хариди стратегии хидматрасонии тиббӣ дар доираи кумаки тиббии аз ҷониби давлат кафолатшуда ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа ҳиссаи хароҷоти бесамар дар сохтори тандурустӣ тадриҷан кам шуда, сатҳи пардохтҳои бевоситаи аҳолӣ барои хидматрасонии тиббӣ коҳиш дода мешавад. Чизи асосӣ аз ҳисоби зиёд кардани ҳиссаи ёрии аввалияи тиббию санитарӣ дар доираи маблағҳои ба соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ҷудо кардашуда профилактикаи бемориҳо пурзўр, мустақилии молиявии муассисаҳои тиббӣ баланд бардошта, механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии коркунони тиб васеъ карда мешаванд.

Хулоса, имрўз барои пурра ҷорӣ намудани механизмҳои суғуртаи тиббии давлатӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ тамоми чораҳо андешида мешаванд. Иҷрои вазифаҳои дар ҷаласа гузошташуда, барои васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ва хидматрасонии босифати тиббӣ тавассути ҷалби ташкилотҳои тиббии хусусӣ барои расонидани ёрии тиббии аз ҷониби давлат кафолат додашуда имконият фароҳам меорад.

**Зумрад БЕКАТОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Айни замон ҳайати вакилони вилояти Тошканд, ки дар ҷумҳурии Мардумии Чин мебошанд, ба шаҳри Урумчӣ ташриф оварданд. Зойир Мирзаев дар ваколатхонаи вилояти Тошканд, ки дар ҳудуди ин марказ ба кор шурўъ кардааст, намояндагони доираҳои соҳибкориро қабул кард ва як қатор гуфтушунидҳо анҷом дод.***

## ЛОИҲАИ САЙЁҲИИ ЧИН ДАР БЎСТОНЛИҚ БА КОР ОҒОЗ МЕКУНАД

Дар мулоқот роҳандозии ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои технологияҳои баланд, инноватсия, саноат, энергетика, рушди инфрасохтор, нақлиёт, логистика, хоҷагии кишоварзӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳайати вакилони вилояти Тошканд инчунин, бо фаъолияти минтақаи курортӣ, ки дар қаторкўҳҳои Тён-Шони шаҳри Урумчӣ воқеъ аст, шинос шуданд. Дар оянда дар мавриди бунёди маскани фароғатии замонавӣ дар ҳудуди «Оқтош»-и ноҳияи Бўстонлиқ созишҳои мусбат ба даст дароварда шуданд. Дар бораи сафари ҳайати Чин ба вилояти Тошканд моҳи феврали соли ҷорӣ ҷиҳати шинос шудан бо фазои сармоягузорӣ дар Ўзбекистон ва оғози корҳои лоиҳавӣ мувофиқа карда шуд.

Арзиши ибтидоии сармоягузории лоиҳа 10 миллион доллар арзёбӣ мешавад. Дар форуми сармоягузорӣ, савдо ва сайёҳии Ўзбекистон – Чин макети хурди ёдгории меъмории ба ҷаҳон машҳури Регистон дар Самарқанд, ки дар боғи марказии шаҳри Урумчӣ сохта шудааст, намоиш дода шуд.

Дар маросими ифтитоҳи анҷуман ҳокими вилоят Зоҳир Мирзаев суханронӣ намуда, ба мустаҳкам намудани муносибатҳои тарафайн даъват кард. Инчунин, пешниҳоди корчаллонҳои чинӣ оид ба роҳандозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф баррасӣ шуд.

**А. МУСОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**



*Солҳои охир дар мамлакатамон дар асоси тамоюли «Баҳри гиромидошти инсон» барои рушди фаровонии халқ, беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва розӣ намудани аҳолӣ як қатор корҳои васеъмиқёс дар амал татбиқ шуда истодааст. Бахусус, дар арафаи ҷашни 31-солагии қабули Конститутсия дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Гоне қалъа»-и шаҳри Нуқус ба истифода супурдани 10 бинои истиқоматии серошёна намунаи яке аз чунин чорабиниҳо мебошад. 20 хонадони ин биноҳо ба шаҳрвандони имконияташон маҳдуд ва нобино супурда шуд.*

***Дар сурат:** дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Гоне қалъа»-и шаҳри Нуқус.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ТАКМИЛ ДОДАНИ ТАРТИБИ БА ИҶОРА ДОДАНИ ҚИТЪАҲОИ ЗАМИНИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

Ба мақсади пайваста идома додани ислоҳот дар соҳаи муносибатҳои замин, ки мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 8 июни соли 2021 № ФП-6243 «Дар бораи чораҳои таъмини баробарӣ ва шаффофият дар муносибатҳои замин, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ба замин ва ба активҳои бозаргонӣ табдил додани онҳо» оғоз ёфтаанд:

1. Аз 1 марти соли 2024 ба ҷойи озмуни кушоди электронӣ ҳангоми ба иҷора додани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ савдоҳои музоядаи электронии онлайн ҷорӣ карда шаванд.

2. Муқаррар карда шавад, ки:

а) қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ ба муҳлати сӣ сол тавассути аукционҳои электронӣ ба иҷора дода мешаванд, ки дар он нархи ибтидоӣ дар ҳаҷми арзиши меъёрии қитъаи замин муқаррар карда мешавад;

б) омода намудани мавод барои гузоштани қитъаҳои замин ба савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ то ворид намудани тағйироти дахлдор ба қонунгузорӣ бо тартиби барои озмуни кушоди электронӣ муқарраршуда амалӣ гардонда мешавад, гузаронидани савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ бошад, тибқи тартиби ташкил ва гузаронидани савдоҳои музояда сурат мегирад;

в) ба ғолибони савдоҳои музоядаи электронии онлайн оид ба иҷора додани қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ иҷозат дода мешавад, ки арзиши қитъаи заминро ҳар моҳ бо ҳиссаҳои баробар ба муддати се сол пардохт намоянд;

г) ба шаҳрвандоне, ки ба «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» дохил карда шуда, онҳо ғолибони савдоҳои музоядаи электронии онлайн оиди ба иҷора додани замини таъиноти кишоварзӣ барои пеш бурдани хоҷагии фермерӣ, боғдории хусусӣ, полизпарварӣ ва чорводорӣ мебошанд, иҷозат дода мешавад, ки арзиши қитъаи заминро бо муҳлатдиҳии бефоиза дар ҳиссаҳои баробар дар давоми панҷ сол пардозанд;

д) маблағҳое, ки аз фурўши ҳуқуқи иҷора тавассути савдоҳои электронии онлайн ба даст омадаанд, баъди бақайдгирии давлатии ҳуқуқҳои иҷора, бо назардошти пардохти хидматрасонии операторӣ бо тартиби зерин тақсим карда мешаванд:

10 фоиз – ташкилотҳои низоми Вазорати кишоварзӣ (2 фоиз – ҶММ «Маркази рақамисозии агросаноат», 3 фоиз – Донишкадаи илмию лоиҳавии «Ўздаверлойиҳа», 5 фоиз – Фонди рушди кишоварзӣ ва таъминоти озуқаворӣ);

якуним баробари андозаи арзиши асосии ҳисоб – ба ҳисобсурати мақомоти бақайдгирандаи бақайдгирии давлатии ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин;

маблағи боқимонда – ба буҷаи маҳаллии ноҳияи (шаҳри) дахлдор.

3. Вазорати кишоварзӣ якҷоя бо Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, Агентии оид ба кадастр ва Агентии оид ба идоракунии активҳои давлатӣ ба муҳлати то 1 марти соли 2024 инҳоро таъмин намоянд:

ба савдои музоядаи электронии онлайнӣ гузоштани **15 626,8** гектар қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ (ба нуқтаҳои аҳолинишин наздик, таъминоти обаш хуб, маҳсулнокиаш баланд, майдонаш чун одат бо тақсимоти контурҳои майдонаш беш аш 5 гектар ба лотҳо то 1 гектар) мувофиқи замимаи №1;

ба таври автоматӣ аз 1 марти соли 2024 ба савдои музоядаи электронии онлайнӣ гузоштани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ, ки қаблан ба озмуни кушоди электронӣ гузошта, ғолибони онҳо муайян нашуда буданд.

**4.** Аз 1 марти соли 2024 сар карда ба иҷорагирони қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ иҷозат дода шавад, ки **ҳуқуқ ва ўҳдадориҳояшонро (кироям дубора) оид ба қитъаҳои замини ба иҷора гирифташуда ба шахси дигар** бидуни тағйир додани мақсади истифодаи қитъаи замин супоранд. Дар ин бобат:

иҷорагир вазифадор аст, ки қитъаи заминро на камтар аз се сол худаш истифода барад ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми сеюми ҳамин банд на камтар аз панҷ сол, ин муҳлат аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии ҳуқуқи иҷора ҳисоб карда мешавад;

ба шахси дигар додан (иҷораи дубора)-и қитъаҳои замин, ки ба шахсони ҳуқуқӣ бевосита бинобар қарори мақомоти давлатӣ бидуни гузарондани савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ, озмуни кушоди электронӣ ё конкурс дода шудаанд, баробари гузаштани панҷ сол аз лаҳзаи қайди давлатии ҳуқуқи иҷора роҳ дода мешавад;

иҷорадиҳанда ўҳдадор аст, ки пардохтҳои якдафъаинаи иловагиро, ки мувофиқи муҳлатҳои иҷора аз рўйи натиҷаҳои озмуни кушоди электронӣ мутаносибан тақсим мешаванд, ё пардохтҳое, ки аз рўйи натиҷаҳои савдоҳои музоядаи электронии онлайн пардохт мегарданд, амалӣ намояд.

5. Қарори Шўрои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва Шўрои Сенати Олий Маҷлис аз 13 декабри соли 2023 №3787-IV/ҚМ-642-IV «Дар бораи омўзиши ҳолати истифодаи оқилона ва самарабахши замин дар ҷумҳурӣ, инчунин минбаъд баланд бардоштани самарабахшии назорати шўроҳои маҳаллӣ дар самти мазкур» ба эътибор гирифта шавад.

Ба Шўроҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ)-и депутатҳои халқӣ ваколат дода мешавад, ки дар давраи то 31 декабри соли 2024 дар сессияҳои худ самарабахшии истифодаи қитъаҳои замини таъиноти кишоварзиро, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқашон нопурра мебошанд, аз рўйи ҳуҷҷат ва майдони дарамал аз якдигар фарқ мекунанд, барои ҳуқуқи истифодаи доимӣ ҷудо шудаанд, амалан бидуни оид ба сабабҳои зикршуда гузарондани бақайдгирии давлатӣ истифода мешаванд, омўхта, оид ба инҳо қарор қабул кунанд:

дар бораи ба имзо расондани шартномаи иҷораи замин (ворид намудани тағйироту иловаҳо ба шартномаи иҷора) байни ҳокими ноҳия (шаҳр) ва истифодабарандагони замин;

дар бораи андешидани чораҳо оиди ба захира баргардондани қитъаи замин.

(Давомаш дар саҳ.2).

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ТАКМИЛ ДОДАНИ ТАРТИБИ БА ИҶОРА ДОДАНИ ҚИТЪАҲОИ ЗАМИНИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд то 31 декабри соли 2024 оид ба қайди давлатии ҳуқуқи иҷора ба қитъаҳои замин, ё ки ба захира баргардондани замин бинобар тамоми қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ дар ҳудудҳои худ, ки аз рӯйи онҳо қайди давлатии ҳуқуқ ба замин корбурд нашудааст, вале онҳо амалан истифода мешаванд, чораҳо андешанд.

6. Муқаррар карда шавад, ки пардохтҳои ҷубронӣ барои ҷуброни зарари истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал барои заминҳои обёришавандаи таъиноти кишоварзӣ дар ҳамаи ҳолатҳо ба истиснои ҳолатҳои мусодираи қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ пурра аз ҳамаи шахсон ситонда шаванд.

7. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он дар сурати иҷро нашудани ӯҳдадории гаравдеҳ, ки бо гарав барои қитъаи замин таъмин шудааст, бидуни тағйир додани мақсади истифодаи қитъаи замин **ба иҷора барои муҳлати боқимондаи амали иҷораи қитъаи замин ба воситаи савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ иҷозат дода мешавад**. Дар ин бобат:

**ризоияти** (гирифтани хулоса)-и **мақомоти ваколатдор** барои ба савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ гузоштани ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин **талаб карда намешавад**;

маблағе, ки аз фурӯши ҳуқуқи иҷора дар савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи иҷрои ҳуҷҷатҳои судӣ ва ҳуҷҷатҳои мақомоти дигар ба даст омадаанд, дар тартибе, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, тақсим карда мешаванд.

8. Тартиби бевосита ба кластерҳои агросаноатӣ додани қитъаҳои замин аз ҷониби Девони Вазирон бекор карда шавад. Дар баробари ин кластерҳои агросаноатӣ метавонанд қитъаҳои заминро ба воситаи савдоҳои музоядаи электронии онлайнӣ ё бо роҳи хоста гирифтани пешниҳоди беҳтарин барои татбиқи лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ ба иҷора гиранд.

9. Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо, Вазорати адлия **дар муҳлати ду моҳ** ба Девони Вазирон лоиҳаи қарори Ҳукумат дар бораи сода гардондани тартиби хостагирии пешниҳодҳои беҳтаринро барои татбиқи лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ, инчунин лоиҳаи ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқӣ оиди такмил додани тартиби ҷудо кардани қитъаҳои замин ба корхонаҳо бо иштироки сармояҳои хориҷӣ тақдим намоянд.

Дар баробари ин аз ҷониби иҷорагир ба Буҷаи давлатӣ ворид намудани маблағ ба миқдоре, ки дар коэффисиентҳо нисбат ба арзиши бозоргонии ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин муайян шуда, аз ҷониби ташкилоти баҳодиҳӣ муайян карда мешавад, дар ҳолати додани қитъаи замини мазкур бевосита ба иҷора ба корхонаҳо бо иштироки сармояҳои хориҷӣ, сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ бо роҳи хоста гирифтани пешниҳодҳои беҳтарин барои татбиқи лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ ба назар гирифта шавад.

10. Вазорати адлия якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намоянд.

11. Тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замимаи №2 ворид карда шаванд.

12. Ба зиммаи муовинони Сарвазир Ҷ. А. Хоҷаев ва Ҷ. А. Қӯчқоров, вазири кишоварзӣ И. Ю. Абдураҳмонов барои ташкили самарабахши иҷрои Фармони мазкур масъулияти шахсӣ гузошта шавад.

Барои иҷрои Фармони мазкур мутобиқсозӣ ва назорати фаъолияти идораҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

*Шаҳри ТОШКАНД, 18 январи соли 2024*



# МАРКАЗИ НАВИ ТАЪЛИМӢ

***Дар шаҳри Қӯқанд маркази таълимӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Маросими ифтитоҳи он бо ширкати намояндагони ҳокимияти шаҳр ва меҳмонони зиёд мутантан сурат гирифт.***

***Тавре ки муовини ҳокими шаҳри Қӯқанд оид ба сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва маънавию маърифатӣ Алишерҷон Меликӯзиев дар маросим изҳор намуд, ин марказ нахустин туҳфаи муносиб дар Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат мебошад.***

– Маркази нави таълимӣ натанҳо ҷавонони шаҳри Қӯқанд, балки навоҳии гирду атрофи онро низ гирдиҳам хоҳад овард ва онҳо дар ин ҷо вақти худро пурсамар хоҳанд гузаронд. Дар марказ барои хондани китобҳои бадеӣ ва омӯхтани забонҳои гуногун тамоми шароити созгор фароҳам оварда шудаанд, – гуфт Алишерҷон Меликӯзиев.

Аббосхон Аҳадов аз зумраи ҷавонони ин шаҳри куҳанбунёд муаррифӣ шуд, ки дар Донишгоҳи Инха-и Корея таҳсил кардааст. Вай иброз дошт, ки донишу маҳорати андӯхтаашро дар маркази нави таълимӣ барои ҳамтоёнаш сарф хоҳад кард.

– Президент барои мо – ҷавонон беҳтарин шароити таҳсилу корро фароҳам меоварад. Мо дар ҷавоби ин ғамхориҳо бояд муносиб ҷавоб гардонем, – изҳор намуд Аббосхон Аҳадов.

Ногуфта намонад, ки омӯзиши амиқи забонҳои англисӣ, русӣ ва кореягӣ, инчунин азхуд намудани технологияи иттилоотӣ ва асосҳои тиҷорати онлайн самтҳои асосии фаъолияти маркази таълимиро ташкил менамояд. Марказ барои омодагӣ ба имтиҳонҳои IELTS ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии бонуфузи хориҷӣ низ ба ҷавонон хидмат мерасонад.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ХИДМАТИ ҚУЛАЙ ВА БОЭЪТИМОДИ МАСЛИҲАТИВУ ТАШХИСГУЗОРӢ

*Маркази диагностикаи тиббии вилояти Бухоро яке аз муассисаҳоест, ки баҳри ҳифзи саломатии аҳолӣ самаранок фаъолият мебарад.*

*Марказ рӯзе ба 200 нафар хидмат расонда, дар он баҳри муайян намудан ва пешгирии саривақтии бемориҳо аз таҷҳизоти баландтехнологӣ ва замонавии тиббӣ истифода мебаранд.*

*Барои беморон хидмати қулайи машваратию ташхисӣ, аз қабили невролог, гинеколог, дерматовенеролог, андролог, терапевт, кардиолог, уролог, офталмолог, лор, ҷарроҳ, стоматолог, ташхиси лабораторӣ, ба роҳ монда шудааст. Инчунин, шуъбаҳои физиотерапия ва шифохонаи рӯзона фаъолият нишон медиҳанд.*



***Дар сурат:*** *дар маркази диагностикаи тиббии вилояти Бухоро.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ. (ЎзА).***

# Ёдбуд

# УМРИ ДУБОРАИ ҶАДИД

***Дар Самарқанд 149-солагии яке аз пешвоёни намоёни ҳаракати ҷадидӣ, маърифатпарвар, адиб, нахустин драманависи Осиёи Марказӣ Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ ба тарзи мутантан таҷлил шуд.***

Бо ҳамин муносибат дар Маркази миллии бозомӯзии омӯзгорони вилояти Самарқанд анҷумани фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст.

Нотиқон дар баромади худ доир ба аҳамияти ҳаракати оммавии ҷадидӣ, хидматҳои шоистаи Беҳбудӣ ва қадршиносии ӯ ҳарф заданд.

– Бузургон таъкид намуданд, ки мамлакат аз ақл шавад пойдор – гуфт Журналисти шоистаи ҷумҳурӣ, муаллифи романи «Ҷадид» Нусрат Раҳмат. – Таърих гувоҳ аст, ки тараққипарварон аз азал ҳамватанони хешро ба омӯзиши илму фарҳанг даъват намуда, аз дасти кӯрдилон қурбон шудаанд. Галилео Галилей, Ҷордано Бруно, Саидризо Ализода, Ҳоҷӣ Муин, Ҳамза, Сиддиқии Аҷзӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва дигарон аз ҷумлаи равшанфикрони замони пеш буданд. Онҳо қурбони ғояҳои олиҷанноби худ шудаанд. Соли 1919 Беҳбудӣ ҳангоми сафари ҳаҷҷи акбар аз ҷониби гумоштагони Сайид Олимхон дар шаҳри Қаршӣ бо шогирдони вафодораш Муҳаммадкул ва Мардонкул ваҳшиёна кушта шудаанд. Баъди як сол сардори маҳбаси шаҳри Қаршӣ васиятномаи Беҳбудиро ба шогирдони ӯ ирсол мекунад ва сипас дар Самарқанд мардуми қадршинос се рӯз мотам гирифтаанд. Бо таклифу пешниҳодҳои равшанфикрони замон шаҳри Қаршӣ номи Беҳбудиро гирифта буд, вале соли 1937 ӯ ҳамчун фаоли ҳаракати ҷадид «душмани халқ» эълон гардид. Қисмати талхро бинед, ки як нафар ду маротиба ба марг ҳукм шуд. Хушбахтона, соли 1987 қаҳрамони романи ман пурра сафед шуд. Ва дар омади гап бояд таъкид намуд, ки ҳангоми навиштани «Ҷадид» чандин маротиба ашкҳоям руйи коғаз рехт...

– Мо, хешу пайвандони Беҳбудӣ аз сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев сипосгузор ҳастем, – гуфт набераи маърифатпарвар Шоҳрух Беҳбудӣ. – Бо фармони Президент бобои мо бо ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шуда, имрӯзҳо ҷустуҷӯйи қабри ӯ дар шаҳри Қаршӣ идома дорад. Соли 2021 дар Самарқанд хона-музейи бобоямон кушода шуд.

Адиби номдор Нусрат Раҳмат бо ҳамфикронаш Миршариф Хӯҷаев ва Азиз Амина муҷассамаи Беҳбудиро дар ҳавлии Маркази миллии бозомӯзии омӯзгорони вилояти Самарқанд гузоштанд.

Дар поёни тадбир ҳозирон дар пояи муҷассамаи Беҳбудӣ гулҳои тару тоза гузоштанд.

Дар зодгоҳи ӯ – ноҳияи Тайлоқ низ ба муносибати ҷашни Беҳбудӣ анҷумани фарҳангӣ баргузор гардид. Дастаи ҳунарии мактаби миёнаи рақами 15-уми ноҳия аз асари ӯ «Падаркуш» порчаеро намоиш доданд. Ин асар соли 1911 дар Самарқанд намоиш дода шуда буд, ки дар он муаллиф иштирок дошт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### РӮНАМОИИ ПЛАТФОРМА ДАР БОРАИ ҶАДИДОН

***Ҷамоаи Институти таърихи Академияи улуми Ӯзбекистон платформаи Jadidlar.uz-ро омода намуд ва аз ҷониби ин даргоҳ рӯнамоии платформаи зикршуда баргузор гардид.***

Назар ба таъкиди директори Институти таърих академик Азамат Зиё офаридани ин лоиҳа ду солро талаб кард (2021-2023). Барои ду сол 1 миллиард сӯм маблағи грант ҷудо карда шуд.

Тавре муовини директори Институти таърих Дилноза Ҷамолова таъкид менамояд, ба платформа оид ба ҳаёту фаъолият ва мероси маънавии наздик ба 250 нафар ҷадид маълумотҳо, ҳуҷҷатҳо ва асарҳо ворид карда шудаанд.

Платформа даромад наорад ҳам, аз зумраи лоиҳаҳоест, ки ба халқи мо озуқаи маънавӣ медиҳад, – гуфт Д. Ҷамолова.

Платформаро варақ зада ба ҷамъ 174 асар оиди ҷадидон шинос шудан мумкин. Айни замон ба он бештар аз 1000 мақола, наздик ба 120 шеър ва чандин суханони пандомези ҷадидон дароварда шудааст.

Ҳаминро низ таъкид кардан бамаврид аст, ки то имрӯз мардум танҳо дар бораи наздик ба 30 нафар ҷадид маълумот дошту халос.

### ГАРДИШИ САВДОИ БЕРУНИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

***Назар ба маълумоти Агентии омори назди Президент гардиши савдои берунии Ӯзбекистон дар соли 2023 нисбат ба соли гузашта 12 миллиард доллар ё худ 23, 8 фоиз афзуда,ҷамъ 62,57 миллиард долларро ташкил намудааст. Дар давоми сол ҳаҷми экспорт 23,8 фоиз (24,4 миллиард), импорт 24 фоиз (30,1 миллиард) афзуд.***

Дар давоми сол фурӯши тилло 8,15 миллиард долларро ташкил намуд, ки расонда додани ин бойигарии гаронбаҳо аз се як ҳиссаи (33,4 фоиз) содироти умумии мамлакатро ташкил менамояд. Дар соли 2023 савдои сабзавот ва меваҷот ба хориҷ низ то дараҷае боло рафт ва ба 1,18 миллиард доллар афзуд. Бозорҳои асосии экспорти меваю сабзавоти Ӯзбекистон Русия, Покистон, Чин ва Қазоқистон мебошад. Ҳаҷми расонда додани автомобилҳо ба хориҷ 127,5 миллион долларро ташкил намуд. Дар баробари ҳамин экспорти гази табиӣ, энергияи барқ, нуриҳои минералӣ, метали ранга, маҳсулоти тиббию фарматсевтӣ ва маҳсулоти бофандагӣ нисбат ба солҳои гузашта ба дараҷаи муайян коҳиш ёфт.

### САФИРИ НАВИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ЭРОН

***Президенти Эрон Иброҳим Раисӣ Сафири нави Ӯзбекистон дар ин мамлакат Фариддин Насриевро пазируфт ва эътиборномаашро қабул кард.***

Назар ба хабари АИ «Дунё» дар рафти суҳбат Президенти Эрон таъкид сохт дар солҳои охир муносибатҳо байни ду кишвар дар соҳаҳои сиёсат, робитаҳои байнипарлумонӣ, сармоягузорӣ, инноватсия, нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ, об ва самти маданӣ-башардӯстӣ ҳарҷониба равнақ ёфт ва ба давраи нав баромад.

Иброҳим Раисӣ ба фаъолияти сафири Ӯзбекистон муваффақият дархост намуд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

# «КАДРҲОИ УМЕДБАХШ» ИНТИХОБ МЕГАРДАНД

***Дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд марҳилаи интихоботии барномаи махсуси «Кадрҳои умедбахш» гузаронида шуд.***

Зикр гашт, ки агентии кор бо ҷавонон бори нахуст дар кишварамон занони то 35-соларо бо мақсади такмили донишу малакаҳои амалӣ ва омода намудани онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда дастгирӣ менамояд. Бо ин мақсад дар шаҳри Самарқанд низ марҳилаи якуми интихобии «Кадрҳои умедбахш», ки иборат аз 4 марҳила мебошад, оғоз гардид.

– Чорабиниҳои «Кадрҳои умедбахш» дар тамоми кишварамон гузаронида мешавад ва мақсади асосии он дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ дар баробари мардҳо бонувонро низ бо вазифаҳои роҳбарикунанда таъмин кардан мебошад, – гуфт сарвари садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон Ҳусан Тӯхтаев. – Дар ин ҷо аз байни донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ номзадҳоро интихоб намуда, дар оянда барои корхонаву ташкилотҳо кадрҳои салоҳиятнок расониданро мақсад кардаем. Марҳилаи нахустин ба шакли интихобот, дувум дар шакли бозомӯзӣ, яъне омӯзонидани касбу кор, савум таҷрибаомӯзӣ ва охирин тавсия ба лавозим гузаронида мешавад.

Ғолибоне, ки барномаи махсуси омӯзиширо бомуваффақият хатм намуда, таҷрибаомӯзии дохилию хориҷиро анҷом додаанд, ба захираи миллии кадрҳо дохил карда мешаванд.

# НАҚЗИ ҚОНУН БЕҶАВОБ НАМЕМОНАД

***Дар «Хонаи матбуот»-и шаҳри Қаршӣ нишасти матбуотие доир гардид, ки дар он кормандони Саридораи оҷонсии кадастри вилояти Қашқадарё ва як гурӯҳ хабарнигорон бурду бохтҳои кори худро дар соли 2023 муфассал шарҳ доданд.***

Муовини раиси саридора Сарвар Тӯраев гуфт, ки кормандони саридора дар соли 2023 хеле заҳмат кашиданд, то қарору фармонҳои раҳбари давлатро дар робита ба ҳисоб гирифтани замин, танзими дурусти ҳуҷҷатгузориҳои кадастрӣ ва ба низоми пешрафтаи рақамиву электронӣ гузаронидани он дар амал татбиқ созанд. Маълум гардид, ки дар ҷараёни ба сомон расондани чунин корҳо дар байни шаҳрвандон ва коргоҳҳои воқеъ дар ин минтақа ҳолатҳои зиёди қонунвайронкунӣ муайян гардидаанд ва барои рафъи онҳо чораҳои муассире низ андешида шудаанд.

– Бояд таъкид кард, ки соли рафта кормандони саридора ва шуъбаҳои шаҳриву ноҳиявии он 2430 ҳолати нақзи қонунҳои ҷориро мушаххас карданд, ки ба худсарона ғасб кардани 983,9 гектар замини давлат мутааллиқ аст, – гуфт С. Тӯраев.

Вай иброз дошт, ки дар натиҷаи чораҷӯиҳои гуногуни профилактикӣ тахриби қонунҳои ҷории кишвар дар нисбати 319 гектар замин, ки 887 ҷиноятро фаро мегиранд, аз ҷониби шаҳрвандон ба таври ихтиёрӣ барҳам дода шуданд. Онҳо қитъаҳои замине, ки ғайриқонунӣ забт карда, иншооти гуногуни зист, нуқтаҳои савдову тиҷоратӣ, коргоҳҳои мухталиф сохта буданд, ночор холӣ кардаву дар ихтиёри давлат гузоштанд.

Чунин ҳолатҳои нақзи қонун бо таҳлили фарогир шарҳ дода шуданд ва таъкид гардид, ки ҷойгоҳи бошандагони шаҳри Қаршӣ дар ғасби худсаронаи заминҳои давлат баландтар мебошад. Маълум шуд, ки дар вилоят 253 ҳолати вайрон кардани конуни кадастр маҳз аз ҷониби сокинони шаҳри Қаршӣ ба вуҷуд омадааст.

Аммо Сарвар Тӯраев ноҳияи Касбиро дар байни 19 навоҳии вилоят тавсиф кард ва гуфт, ки дар ин ноҳия нақзи қонуни марбут ба қадастр камтар (76 ҳолат) ба чашм мерасад.

Таъкид гардид, ки ҳарчанд дар баъзе шаҳру навоҳӣ теъдоди ҳолатҳои вайрон кардани қонунҳои мавҷуда зиёд ба қайд гирифта шудаанд, ин аз он далолат медиҳад, ки кормандони шуъбаи оҷонсии кадастри ин ҷойҳо намунавӣ кор мекунанд ва дар кашфу бартараф сохтани чунин ҳолатҳои ногувор бештар саҳм мегузоранд.

**Шариф ХАЛИЛ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

***Дар маҳаллаи Мелихӯҷаи ноҳияи Каттақӯрғон дар асоси барномаи «Хонадони обод – кӯчаи обод – маҳаллаи обод» корҳои сохтмониву ободсозӣ амалӣ мегарданд.***

# ДЕҲАИ МЕЛИХӮҶА ОБОД МЕШАВАД

Маҳаллаи Мелихӯҷа, ки беш аз панҷ ҳазор нафар аҳолӣ дорад, ба тоифаи маҳаллаҳои вазъи иҷтимоию иқтисодиаш душвор дохил шудааст. Гурӯҳи кории ҳокимият муаммоҳои чор деҳаи ҳудудро муайян кард. Аз ҷумла, аз 38 кӯчаи дохилӣ 30-тоаш таъмирталаб аст. Бояд 12 километр роҳи се кӯчаи марказӣ мумфарш шавад. Дар масофаи 35 километр роҳ сангчамайда паҳн кардан лозим аст. Ғайр аз ин, дар масъалаи таъмини барқ, гази табиӣ ва оби ошомиданӣ низ як қатор норасоиҳо вуҷуд доранд. Сутунҳои барқиву трансформаторҳои кӯҳнаро иваз, ду манораи обро таъмир ва бунёди ду манораи нав, инчунин ба масофаи 19 километр кашидани хати оби ошомиданӣ зарур аст. Баъди ин муаммои деринаи 920 хонавода ҳалли худро меёбад.

Ҳокими вилоят Э. Турдимов ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набудани шароити мавҷудаи мактаби рақами 103-ро таъкид карда, аз рӯиислоҳи вазъият ба мутасаддиён супоришҳо дод. Инчунин, вазифаҳое, ки бояд дар се мактаби боқимонда иҷро шаванд, муайян карда шуданд. Ба китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ 1000 адад китоби нав доданд.

**Ҳ. ЗОҲИР.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# АСРОРИ ТАЪСИСИ МАКТАБИ ЖУРНАЛИСТИКА

## ё худ ҳарфҳое, ки зимни тақдимоти як китоб иброз гардид




Муҳаммадҷон Обидовро шояд муштариёни «Овози тоҷик» шиносанд, зеро вай солҳои дароз ба сифати хабарнигори барномаи иттилоотии «Ахборот»-и шабакаи телевизиони ҷумҳурӣ фаъолият намудааст ва ҳамчун яке аз журналистони пуркору муваффақ ва серпаҳлӯ муаррифӣ шудааст.

Дар толори Иттифоқи нависандагон маросими рӯнамоии «10 рӯз дар ҷазираи Кусто» ном китоби ӯ баргузор гардид. Ин китобро нашриёти «Классик»-и Фарғона чоп кардааст.

– Маросими рӯнамоӣ дар биное ба вуқӯъ мепайвандад, ки чанд сол муқаддам маҳз бо ташаббуси Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев бунёд ёфтааст. Боғу чамани атрофи он низ дар ҳамин раванд арзи вуҷуд намудааст, ки ҳоло ба ҷойи дӯстдоштаи мардуми зиёд, хусусан ҷавонони боилму фарҳанг ва адабдӯст табдил ёфтааст, – гуфт сардабири маҷаллаи «Ҷаҳон адабиёти» Аҳмадҷон Мелибоев. – Обидов дар ҷараёни фаъолият ба мактаби нави журналистика асос гузошт ва ин мактаб аллакай даҳҳо шогирдони худро тарбия менамояд.

Китоб як пора аз натиҷаҳои часпу талоши Обидов дар арсаи адабиёт ва журналистика маҳсуб меёбад. Барои анҷоми чунин кор вай бештар аз сӣ мамлакатро давр зада баромадааст ва дар маҷрои ин сафарҳо ҳодисаву воқеаҳои гуногунро аз сар гузаронидааст.

Ишора гардид, китоби «10 рӯз дар ҷазираи Кусто» барои ҷавонон, ки дар соҳаи журналистика фаъолият мекунанд ва ё машғули таҳсил мебошанд, дастуруламали хуб мебошад. Зеро дар он роҳҳои ба суҳбат кашидани ашхоси мухталиф, ҳатто бо кӣ чӣ гуна суҳбат кардан нишон дода шудааст.

– Мо одат кардаем, ки ба одами атрофи худ мутаваҷҷеҳ намешавем, намедонем, ки вай кисту чиҳоро аз сар мегузаронад. Ба ин гуфтаҳоям давраи охири ҳаёти Қаҳрамони Ўзбекистон Абдулло Орипов мисоли равшан шуда метавонад. Гуфтаниам, ки Обидов низ солҳои дароз ба туҳмату дасисабозиҳои гуногун рӯ ба рӯ шудааст ва онро бо устуворӣ ва сарбаландӣ сипарӣ намудааст. Ин журналист одами ноёби замони мост: вай рӯзноманигор, дипломат, адиб, сайёҳ ва амсоли он аст, ки дар мамлакат назирашро надидаем, – гуфт мудири Оҷонсии ахбори миллии «Ўзбекистон» Абдусаид Кӯчимов.

Бино ба ҳарфҳои Ходими шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ Хуршед Дӯстмуҳаммад журналист ва адиб Обидов дар телевизион мактаби хоси худро офаридааст. Хусусан, таҳқиқоти журналистие, ки вай пиёда мекард, боиси ҷалби таваҷҷуҳи аксари тамошобинон, ҳатто дар мақомоти болоӣ низ қарор мегирифт.

– Назди одамони ибтидоӣ рафтану бо онҳо забон ёфта, дар давраи чунин одамон нишастани Муҳаммадҷон қобили таҳсину офарин аст. Ҳамаи онро дар ин китоб хеле равшане возеҳ ба қалам додааст. Гузашта аз ин, аввалин журналистест, ки дар вилояти Фарғона ба таъсиси анҷуманҳои байналмилалии матбуотӣ ё медиа даст задаву басо муваффақ гаштааст, – изҳор намуд бо ифтихор Хуршед Дӯстмуҳаммад.

– Ҳатто шумо метавонед дарёбед, ки муаллиф то чӣ андоза аз маърифат дур будани як қишри ҷомеаи моро баррасӣ намудааст. Ба таври мисол, харҷу масрафҳои бемаънӣ, бо садҳо метр пойандоз истиқбол гирифтани як нафар, ки ба зиёрати Умра рафтааст, тӯйҳои дабдабанок ҳодисаҳое мебошанд, ки дар замири он ақибмондагӣ эҳсос мешавад. Аммо дар як ҷазираи дурдаст ва тарзи зиндагонии мардумаш ибтидоӣ аксари корҳо ба нақша даровварда шудаву хеле сарфакорона ба анҷом расонида мешаванд, – гуфт устоди Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ўзбекистон, профессор Назира Тошпӯлатова.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**Далер АЗИЗОВ,**
**мухбирони**
**«Овози тоҷик».**

***Аз ҷониби Садорати тандурустии вилояти Самарқанд ва Садорати вилоятии Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавии шаҳру ноҳияҳо, кормандони хадамоти ахбор ва блогерҳо санҷиши тиббии бепул ташкил карда шуд.***

# ДАР САМАРҚАНД ЖУРНАЛИСТ ВА БЛОГЕРҲО АЗ САНҶИШИ ТИББӢ ГУЗАШТАНД

Аз ҷумла, дар поликлиникаи оилавии дуюми шаҳри Самарқанд кормандони телевизион ва радио, газетаҳои вилоят, масъулони хидматҳои ахбор, блогерҳо, журналистони интернетӣ аз санҷиш гузаштанд.

– Тӯли сол дар чорабиниҳои гуногун гашта, гоҳо ба саломатии худ беэътиборӣ мекунем, – гуфт журналист Шаҳло Аҳророва. – Барои аҳли қалам, кормандони воситаҳои ахбори оммавии вилоят мунтазам ташкил гардидани чунин чорабиниҳо ба манфиати кор аст.

Дар доираи чорабинӣ саломатии беш аз 300 нафар кормандони соҳа аз санҷиш гузаронида шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**




*Хонандаи бухороӣ ғолиби озмуни давраи ҷумҳуриявии забони корейсӣ гардид.*

*Дар озмуни забони корейсӣ, ки бо ҳамкории сафоратхонаи Куриёи Ҷанубӣ дар Ўзбекистон ва Маркази таълими Куриё ташкил гардид, хонандаи синфи 11-уми мактаби таълими миёнаи ихтисосонидашудаи рақами 42-юми шаҳри Бухоро Аҳмадулло Субҳонов ҷойи дуюмро ба даст даровард.*

*Аз ҷониби ташкилотчиён ба ӯ 4 миллиону 500 ҳазор сӯм мукофоти пулӣ ва роҳхати таълим ва саёҳат ба Куриё супурда шуд.*

***Сурати ЎзА.***

# ШЕЪР ОИНАИ АНДЕШАВУ ЭҲСОС АСТ

***Дилшоди Фарҳодзод аз зумраи шоиронест, ки натанҳо дар Ўзбекистон, балки дар Тоҷикистону Эрон низ маҳбубият дорад. Ў бо ашъори дилнишини худ тавонистааст дили ҳазоронро тасхир намояд. То кунун маҷмӯаҳои ашъори ӯ таҳти унвонҳои «Шабҳои маҳовез» (Самарқанд, 2004), «Як қалам рӯшноӣ» (Тошканд, 2009) ва «Наврӯзи навсӯзӣ» (Амстердам, 2018) ба табъ расидаанд. Мо чанде пеш бо устод доир ба шеъру шоирӣ ва асрори эҷод суҳбате кардем.***

**— Шеър аз дидгоҳи шумо.**

— Шеър дар назари ман тандис (тасвир, тимсол)-е барои лаҳзаҳо аст. Вақти лаҳзаҳои муассир, такондиҳанда ва хотирмон дар замирам туғёне сар мезанад ва ин чиз маро ба навиштани шеър водор месозад. Шеърҳои ман ифодагари ҳолатҳои мананд. Масалан, агар зиндагиям нармтар аст — ғазал, аммо вақте ки ҳиссиёти шадид дорам, шеъри сафед ба вуҷуд меояд. Шеър барои ман ҳамчун оинаест, ки маро ба ман нишон медиҳад ва ман низ мехоҳам худро дар шеър пайдо ва кашф намоям.

**— Мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳи шумо...**

— Чун ҳамаи шоирон аввалан мавзӯи ишқ, баъдан мавзӯи Ватан, зиндагӣ аз мавзӯъҳои инҷонибанд. Шеърҳои ҳасбиҳолӣ ҳам дорам, ки маҳсули ягон ҳолат ё лаҳзаҳои зиндагиям мебошанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# 7.Ў ВАЗИРИ МАОРИФ БУД

Абдуғанӣ Ҷавдат соли 1886 дар деҳаи Боғибаланди музофоти Самарқанд дар оилаи Раҳмон ном марди деҳқони миёнаҳол таваллуд шудааст. Он замон давраи пурталотум буд. Зеро истилогарони рус бо сарварии генерал-губернатор Кауфман соли 1868-ум Самарқанд ва дигар шаҳрҳои маркозии Туркистонро мутеъ карда буданд. Аз ин рӯ вазъи ҳаёти сиёсиву иҷтимоии охири асри XIX ба инқироз рӯ оварда буд. Мардуми меҳнаткаш аз як тараф аз ҷабру зулми амир ба дод омада бошанд, аз ҷониби дигар аз истисморгарони рус тазйиқ медиданд.

Абдуғанӣ дар ҳамин вазъияти мураккаб аз меҳри падар маҳрум гардид. Падараш аз олам чашм пӯшиду аҳволи оилаи онҳо беш аз пеш вазнинтар шуд. Ў, ки зеҳни хуб дошт, баробари дар мактаби куҳнаи деҳа равуо кардан дар 8 солагӣ аз модари босаводаш «Қуръон»-ро ҳифз кард. Аммо ҳаваси саводомӯзӣ дар дили Ҷавдати ҷавон ҷӯш мезад. Бо худомӯзӣ шеъру ғазалҳои Ҳофизу Бедилро аз бар менамуд. Ў барои таълим гирифтан ба мадрасаи Тиллокории Регистон рафт. Мударриси мадраса, шоири шинохтаи замон Васлӣ, аз тарзи қироат ва шеърхонии Ҷавдати ҷавон дар ҳайрат монда, ба таълиму тарбияи вай эътибори махсус медиҳад.

Саидаҳмади Васлӣ дар рӯзҳои муайян маҳфили шеър ташкил мекард. Дар онҳо Ориф Гулханӣ, Нақибхони Туғрал, Наберахӯҷаи Хилъатпур, Ҳоҷӣ Муин, Фахриддин Роҷиҳо иштирок карда, намунаҳои ашъорашонро қироат мекарданд. Ҷавдат зуд ҳамчун шоири ҷавони боистеъдод ном баровард. Муҳити мадраса чун мактаби шеъру шоирӣ барои Ҷавдат даргоҳи хуб гардид.

Рӯзе устодаш Саидаҳмади Васлӣ хабар дод, ки бегоҳӣ дар хонаи шоир Абдуқаюми Қурбӣ базми шеър мешаваду дар он шоири тавоно Нақибхони Туғрал низ иштирок мекунад. Абдуғанӣ то ин дам номи ӯро шунида бошад ҳам, худашро надида буд. Бегоҳирӯзӣ болохонаи Қурбӣ аз меҳмон пур буд. Соҳиби хона Васлиро ба пешгаҳи хона даъват кард. Марди қоматбаланди риши кӯтаҳи базебдошта ба эҳтиром бо Васлӣ оғӯш кушода ҳолпурсӣ кард, ки ин Нақибхон буд. Шеърхонӣ то поси шаб давом кард. Ҳамин шуду Абдуғанӣ мисли Васлӣ Туғралро устоди хуб хонд.

Аз таърих маълум аст, ки Нақибхони Туғрал аз авлоди Хоҷа Аҳрор буд. Бинобар ин ӯро муҳити адабии Самарқанд зуд-зуд сӯи худ мекашид. Ҳар боре ба Самарқанд ояд, Ҷавдат ба пешвозаш мебаромад. Онҳо дар болохонаи Қурбӣ ҷамъ мешуданд. Туғрал хурсанд буд, ки дар таърихи соли 1918 бо ташаббуси дӯстону ҳаводоронаш девони ашъораш ба табъ расид. Ҷавдат дар ин бора навишта буд:

*Зиҳӣ ашъори Туғрал гашт матбӯъ,*
*Касе хонад шавад табъаш чу шаккар.*
*Бидиду кард таҳсин аҳли фозил,*
*Ба чашми шеърхонон беҳ зи гавҳар.*
*Зи рӯи касбу дониш гуфт Ҷавдат,*
*Аҷаб девони Туғрал шавқовар.*

(Нигаред А.Самадов, «Армуғони Ҷавдат», саҳифаи 20).

Охирин суҳбати онҳо боз дар болохонаи Қурбӣ ба миён омад. Мисли дигарон Ҷавдат ҳам иштирок кард. Туғрал шаби базми шеърро гарму пурҷӯш менамуд, аммо хотирпарешон буд. Ҷавдат, ки аз наздикони Туғрал буд, оҳиста пурсид:

– Устод, ба шумо чӣ шуд? Оё бемор ҳастед?

– Не, – гуфт Туғрал, ҳамааш хуб. – Оё ту мазмуни тахаллусатро медонӣ?

– Не, ин номро дар мадраса домулло Васлӣ гузоштаанд.

– Ҷавдат арабӣ буда, маънии хубӣ, бартаринро дорад – фаҳмонд Туғрал.

Ҳамон рӯз ҳангоми хайрухуш байти зерини Бедилро қироат карда, ба аспаш савор шуд ва роҳи Панҷакентро пеш гирифт.

*Водии уммед бепоёну фурсат норасо,*
*Меравам бар дӯши ҳасрат чун нигоҳи вопасин.*

Баъди ин Туғрал дигар ба Самарқанд барнагашт. Ўро душманон ба қатл расонида буданд.

Қобили қайд аст, ки Абдуғанӣ Ҷавдат ҷамъияти навро замони озодӣ медонист. Дар музофотҳо маърифатпарварон аз пайи ташкил кардани мактабҳои навусул буданд. Ў ҳам бисёр мехост, ки насли нав саводнок шавад. Фанҳои табиӣ ва илми техникаро омӯзад. Бо ҳамин мақсад бо маърифатпарвари бузург Абдуқодир Шакурӣ дӯстӣ пайдо кард. Бо усули мактаби ҷадидии ӯ шинос шуд.

Яке аз рӯзҳои баҳорони соли 1908. Дар назди китобхонаи «Зарафшон» воқеъ дар майдони Регистон Шакурӣ ва Абдуғанӣ Ҷавдат ба ҳам дучор омаданд. Баъд аз пурсупорс муаллим Шакурӣ гуфт:

– Бародарам Абдуғанӣ, агар бо устод Айнӣ шинос шудан хоҳед, бегоҳӣ ба ҳавлии мо оед. Аз Бухоро меҳмонҳо меоянд.

– Албатта меоям, вохӯрӣ бо устод шараф аст.

Вақте ки Абдуғанӣ ба хонаи Шакурӣ омад, аллакай меҳмонон дар болои тахтакати лаби ҳавз суҳбат доштанд. Соҳибхона баъди салому алейк бухориҳоро як-як шинос карда, гуфт.

– Устод бо ҳамроҳонашон Мунзим ва Меҳрӣ нияти ташкил кардани мактаби ҷадидӣ дар Бухороро доранд. Иншоаллоҳ ба мақсад мерасанд. Ин кас – Абдуғанӣ, – муаллим Шакурӣ маро нишон дода, аз шоирони умедбахши мо, бо тахаллуси Ҷавдат эҷод мекунанд, гуфтанд.

Ҳамин лаҳза Айнӣ риштаи суханро гирифта, Ҷавдат гӯед, ман бо эҷодиёти ин кас ошно ҳастам. Шеъру ғазалҳояшон басо пурмазмун, равону орифонаанд, гуфтанд. Ин мулоқоти аввалини Абдуғанӣ бо устод Айнӣ буд.

Бояд гуфт, ки Ҷавдат низ монанди дигар равшанфикрон моҳияти воқеаҳои замони навро ба хубӣ мефаҳмид. Ў баробари ба иҷро расонидани супоришҳои ҳизб, барои маҳви бесаводии ҷавонон ҳаракат мекард. Ба хубӣ мефаҳмид, ки агар насли нави имрӯза илму донишҳои дунявиро ба хубӣ аз бар кунанд, ҷамъият, албатта рӯ ба тараққӣ меорад. Аз ин боис ӯ ҳамчун корманди маорифи халқ дар ҳаракат шуда, талабагони босаводи мадрасаҳоро ба курсҳои муаллимтайёркунӣ, ки аз тарафи маърифатпарвар Исматулло Раҳматуллозода дар Самарқанд кушода шуда буданд, ҷалб кард. Ҳамчун вазири маорифи вилояти Самарқанд барои дар деҳаҳои дурдаст кушодани мактабҳои шӯравӣ ва таъмин кардани онҳо бо ашёҳои хониш саъй намуд.

Дар ин бобат мудом бо Абдуқаюми Қурбӣ, ки дар ташкилотҳои ҳизбӣ кор мекард, ҳамкорӣ дошт. Абдуғанӣ барои ҳалли масъалаҳои маърифатӣ гоҳ дар Каттақӯрғону гоҳ ба дигар ноҳияҳои дурдаст мерафт. Барои таъмини китобҳои дарсӣ аз устодаш Васлӣ ва Аҷзию Шакуриҳо маслиҳат мепурсид. Рӯзу ҳафтаҳо дар музофотҳои Хуҷанду Панҷакент шуда, аз аҳволи мактабҳо хабар мегирифт. Баробари ҳамаи ин аз эҷод бознамонд. Дар шеърҳояш мардумро ба саводомӯзӣ ва меҳнату кор даъват мекард. Ба ғайрату шуҷоати дучанд ва ташаббуси фидокорона дар мавзеи Чорраҳаи шаҳри Самарқанд мактаби нави ҷадидӣ кушода, фарзандони маҳалҳои гирду атрофро ба донишгирӣ ҷалб намуд. Вақте ки устод Айнӣ соли 1918 ба Самарқанд кӯчида омад, ӯро дар мактаби ташкилкардааш ба кор ҷалб сохт. Ин аст, ки роҳбарони давлати Бухоро Абдуғаниро соли 1920 ба вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизби шаҳри Самарқанд интихоб карданд. Акнун ташвишҳои Абдуғанӣ Ҷавдат дучанд шуда буданд. Аз як сӯ баҳри баланд бардоштани тарзи зиндагии мардуми шаҳр шитобад, аз ҷониби дигар ба муқобили душманони халқӣ – хурофотпарастону босмачиён мубориза мебурд. Зеро он нохалафон замони навро чашми дидан надоштанд. Барои барҳам додани фаъолияти мактабҳои нав бераҳмона мубориза мебурданд.

Дере нагузашта Ҷавдатро ба марказком даъват карда, супориш доданд, ки бо як гурӯҳ равшанфикрони самарқандӣ ба Тоҷикистони навбунёд рафта, дар он ҷо аз паи сохтмони ҷамъияти нав шавад. Ҳамон солҳо дӯсти наздикаш, шоир ва арбоби ҷамъиятӣ Абдуқаюми Қурбӣ аввал ба сифати комиссари халқии ислоҳоти замини Тоҷикистон, сипас узви коллегияи Нашриёти давлатии Тоҷикистон фаъолият нишон медод.

Ҳамин тариқ Абдуғанӣ Ҷавдат то солҳои 30-юми асри гузашта дар вазифаҳои масъул – ҳамчун мудири шуъбаи мактабҳои маорифи халқии Тоҷикистон, котиби аввали комитети ҳизбии вилояти Ғарм ва дар як вақт дар вазифаи раиси комиҷроияи вилояти мазкур фаъолияти пурсамар нишон дод. Инчунин дар ин муддат дар ҷустуҷӯйи ҳавлии истиқоматӣ устоди шодравонаш Нақибхони Туғрал шуд, роҳи музофоти Фалғарро пеш мегирифт. Хонаи ӯро дар деҳаи Зосун пайдо кард. Ҷавдат ба руҳи устодаш аз ояҳои Қуръон тиловат карда, дар пешайвони хона ин мисраъҳоро ба ёдгор мегузорад:

*Расидам бар таҳи девори Туғрал,*
*Бидидам кулбаҳои зори Туғрал.*
*Шуда аз бекасиҳо зору ҳайрон*
*Ба ҳасрат гулшану гулзори Туғрал.*
*.. Маконаш шуд зиёратгоҳи Ҷавдат*
*Ҳамин дам дидамаш анвори Туғрал.*

Абдуғанӣ Ҷавдатро, ки дар кори ҳизб таҷрибаи зиёде пайдо карда буд, аз нав ба Самарқанд даъват карда, барои ривоҷёбии ҳаёти иҷтимоию сиёсии мардум ба вазифаи раиси комиҷроияи шаҳри Бухоро ба кор таъин мекунанд. Ў дар ин вазифа ду-се сол фаъолият нишон дода, барои рушди сатҳи зиндагии мардуми шаҳр ва камоли маърифати ҷавонон корҳои шоистаро ба ҷо меорад.

Оре, Ҷавдат дарк кард, ки корбарии роҳбарони давлати шӯравӣ дар ибтидои солҳои сиюм ранги дигар мегирад. Онҳо бо ҳар гуна туҳматҳои ноҳақ, аз қабили «фаъолияти зиддиинқилобӣ», «душмани халқ» шахсони босаводу равшанфикрро ба ҳабс мегиранд. Шоир аз ҳизби коммунистӣ умеду орзуҳои зиёд дошт. Аммо аз тарзи кори замон дилаш монд. Чӣ бояд кард? Беҳтараш аз кори ҳизб ва дигар корҳои давлатӣ даст кашида, аз пайи эҷод ва корҳои деҳқонӣ шавад.

Бале, ӯ акнун дар боғи падариаш аз пайи кишту кор шуд, шеъру ғазалҳо менавишт. Дар машварату ҷамъомадҳои адабӣ иштирок мекард. Ба тарбияи фарзандони навболиғаш аҳамият медод. Солҳои 1936-1937 репрессияҳо шиддат гирифтанд. Аксар дӯстони ӯ, аз қабили Хоҷа Муин, Абдуқаюми Қурбӣ, Фахриддини Розӣ ва даҳҳо дигарон дар маҳбасхонаҳои Русия азият мекашиданд.

Ҷавдат ба мақсади аз чашми нобакорон дур шудан, худро аз шаҳр берун гирифта, дар ноҳияҳо дар вазифаҳои гуногун кор мекунад. Ҳабскунӣ бо ҳар гуна баҳона давом дошт. Ниҳоят чунин воқеаи мудҳиш ба сари Ҷавдат ҳам расид. Ин воқеаи нохушро писари калонии ӯ, муаллими собиқадор Мавлон Ҷавдатов, ки бо муаллифи ин сатрҳо дар як таълимгоҳ кор мекард, чунин нақл карда буд.

«Фасли тобистон буд. Шабонгаҳ дарвозаамонро кӯфтанд. Модарам хавотиромезона дарвозаро кушод, ду-се шахси шапкапӯш ба хона зада даромада, бепурсиш дастони падарамро ба пушт баста, гирифта рафтанд. Модарам аз қафои падарам нолаю фиғон бардошта монд. Сонӣ ду ҳамсоямон бо ҳамроҳии модарам ҳамаи китобҳо ва навиштаи падарамро дар танӯр сӯхтанд. Ҳамин тариқ, суди сегона Ҷавдатро бо айби «душмани халқу ватан» тӯли даҳ сол ҳабс мекунад. Аммо соли 1953 ҳақиқат қарор меёбад.

Пири шикастадил Абдуғанӣ Ҷавдат баъди озод шудан боз ба касби деҳқонӣ машғул шуда, дар сари мизи эҷод мешинад. Чунки аз навиштаҳояш, ки ба шакли девон ба сомон расонида буд, чизе боқӣ намонда буд. Шоири пиронсол азобу шиканҷа дида бошад ҳам, бо мақсадҳои нек ба ҳаёт назар кард. Шеърҳои пурмуҳтаво эҷод намуд, ки аксари онҳо хонандаро ба меҳрубонӣ, ҳалимӣ, одобу ахлоқи ҳамида, саводомӯзӣ, ватандӯстию дигар фазилатҳои хуби инсонӣ даъват мекунанд. Лаззати ширини анҷири Боғибаланд, себи Самарқанд ва тавсифи дигар меваҷот аз назари эҷоди шоири ширинкалом дур намондаанд.

Абдуғанӣ Ҷавдат умри дароз дид. Ў дар синни 95 солагӣ аз дунё гузашт.

**Ҳамза ҶЎРА.**

*САМАРҚАНД.*

# ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА БО САРМОЯГУЗОРОНИ ЧИНӢ АЗ НАЗДИК ҲАМКОРӢ МЕКУНАД

***Баъд аз он ки ҳайати вилояти Фарғона таҳти сарварии ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ба Чин сафар намуд, доираи ҳамкориҳои ин вилоят бо соҳибкорону сармоягузорони Чин беш аз пеш доман фарох мекунад. Ин сафар натиҷаҳои хеле босамар ба бор овард ва он ҳамкориҳоро дар соҳаҳои сармоягузорӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мушоҳида кардан мумкин аст.***

Тавре ки дар суҳбат бо «Овози тоҷик» котиби матбуоти ҳокими вилояти Фарғона Дилмурод Ҷумъабоев қайд намуд, аллакай дар аввали сафари амалии ҳайати вилоят боздидашон аз вилояти Сичуан ба амал омад.

– Аъзои ҳайати вакилон дар базаи Синтани ба яке аз калонтарин ширкатҳои истеҳсоли панелҳои офтобии «Тонгвей Солар» ташриф оварда буданд ва бо навигариҳои истеҳсоли энергияи муқобил шинос шуда, маҷрои истеҳсоли панелҳои офтобиро аз назар гузаронданд, – изҳор намуд Д. Ҷумъабоев.

Намояндагони вилоят инчунин аз боғи намоишгоҳи кишоварзии «Tianfu Agriculture Expo Park» дидан намуда, бо технологияҳои навтарин дар соҳаи кишоварзӣ шинос шудаанд. Хусусан, фермаи инноватсионии моҳипарварие, ки зери панелҳои офтобӣ ҷой гирифтаанд, қобили таваҷҷуҳи онҳо гаштааст. Онҳо инчунин аз корхонаи истеҳсоли мошинҳои электрикии «Volvo Cars» дидан карданд, ки дар минтақаи рушди иқтисодӣ ва технологии Чэнду дар масоҳати 650 гектар мавқеъ гирифтааст.

Дар ҷараёни музокира дар Федератсияи саноат ва савдои Чэнду дар бораи таъсиси «Маркази сармоягузорӣ ва савдои Фарғона» дар ин шаҳр ва «Маркази соҳибкорон дар Чэнду» дар Фарғона ба мувофиқа расиданд.

Инчунин, рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва ба сатҳи ҳамкориҳои стратегӣ расондани он, ҷалби ширкатҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ба вилояти Фарғона, роҳандозии хатсайрҳои мустақими байни шаҳрҳои Фарғона ва Чэнду, ҳамкорӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда бо ин музофот, ки зиёда аз 100 мактаби олӣ доштааст, аз дастовардҳое мебошанд, ки маҳз дар натиҷаи сафари амалии ҳайати вилояти Фарғона ба Чин ҳосил шудаанд.

Дар идомаи сафар ҳокими вилоят бо волии музофоти Сичуан мулоқот баргузор карда, ки беш аз 92 миллион нафар аҳолӣ дошта, маҷмӯи маҳсулоти дохилии солонааш 756 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Дар идомаи барқарор шудани ҳамкориҳои бевоситаи судманд ҳокими вилоят як гурӯҳи сармоягузоронро таҳти сарварии Ван Ҷян – директори Департаменти амалиёт ва идоракунии ширкати чиноии «Gansu Construction Investment Heavy Industry Technology Co., Ltd» дидору мулоқот анҷом дод. Дар ҷараёни он мушовири ҳокими вилоят оид ба рушди ҳамкориҳои Фарғона ва Чин Отахон Хайруллоев низ ширкат дошт.

– Дар ҷаласа таҷриба ва равишҳои ширкатҳои чи-ноӣ дар коркарди партов-ҳо, пешниҳодҳо оид ба самаранокии коркарди пар-товҳои саноатӣ ва маишӣ дар минтақаи мо баррасӣ шуда, як қатор корҳои барои ҳарду ҷониб манфиатбахш ба нақша гирифта шуданд, – афзуд Д. Ҷумъабоев.

Дар самтҳои дигар низ вилояти Фарғона бо шарикони чиноии худ ҳамкориро тавсеа бахшиданист. Ба ин гуфтаҳо гуфтугӯи ҳокими вилоят бо намояндагони гурӯҳи ширкатҳои чинии «Шанхай сохтмон инжиниринг» таҳти сарварии Ҷян Юнт Сян мисоли равшан шуда метавонад. Лоиҳаи сохтмони маҷмааи иборат аз 10 бинои 12-ошёна дар ҳудуди шаҳри Фарғона, ки аз ҳисоби сармоягузории ширкати чиноӣ бунёд мешавад, аз натиҷаҳои ҳамин мулоқот маҳсуб меёбад.

Қобили зикр аст, ки дар вилоят 138 корхона бо сармояи Чин фаъолият дошта, танҳо дар соли 2022 бо маблағи 375,1 миллион доллар ҷалб шудааст. Дар ҳамкорӣ бо Чин дар чаҳорчӯби 25 лоиҳа ба маблағи 1 миллиарду 224 миллион доллар маблағҳои сармоягузорӣ корҳои амалӣ анҷом дода мешаванд.

Дар баробари инҳо боз метавон тазаккур дод, ки ширкати «Shangxi Construction Engineering», ки ба феҳрасти «80 пудратчии беҳтарини Чин» шомил аст, беҳтарин дастовардҳои тарҳи чиниро дар маҳаллаҳои истиқоматии дар Фарғона бунёдшаванда барномарезӣ кардааст. Он якҷо бо меъмории маҳаллӣ амалӣ сохта хоҳад шуд.

Маъмурияти боз як ширкати чиноӣ – «Хуэйдҷенши» ба вилояти Фарғона ташриф овард ва ба ҳокими вилоят лоиҳаҳоеро тақдим намуд, ки дар қаламрави Экошаҳри Фарғона арзи вуҷуд хоҳанд кард.

Тавре ки дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар дод, таваҷҷуҳи асосии вохӯрӣ ба масъалаи ба Фарғона овардани мошинҳои баландтехнологии кишоварзӣ ва баъдан дар худи вилоят роҳандозии истеҳсоли ин мошинҳо мебошад.

Онҳо ҳамчунин эълом доштанд, ки омодаанд барои ба минтақаи мазкур овардани мошинҳои муосири пахтачинӣ, ташкили хидматрасонии ин мошинҳо, омода кардани механизаторони маҳаллӣ дар Чин ва такмили ихтисоси онҳо ҳамкорӣ мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*




# СУХАНВАРОНИ САЙҚАЛИ РӮЙИ ЗАМИН

***Саҳми шоирон, адибон ва олимони Самарқанди бостонӣ ба рушди адабиёт, илм ва фарҳанги қадиму ҷадиди тоҷик назаррас аст. Ин шаҳри куҳану ҳамешаҷавон модарвор, чун ба сари фарзандони дилбанди худ, ба сари поягузори адабиёти классикии форсисароёни дунё – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва поягузори адабиёти навини тоҷик – Садриддин Айнӣ дасти навозиш ниҳодааст.***

***Устоду шогирд, пиру муршид, фарзандони бузурги қавмҳои тоҷику ӯзбек Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ, ки ба рамзи дӯстии ду халқи бародар табдил ёфтаанд, аз ҳавои атрбези ин шаҳр нафас кашида, дар мадрасаҳои он бо таҳсил ва таълиму тадрис машғул шудаанд.***

***Дасти навозиши ин модар ҳанӯз ба сари фарзандони сухангустар ва фарҳангсози худ аст. Ҷигаргӯшаҳои худшиносу шукргузори ӯ имрӯз низ бо осори назмӣ, насрӣ ва илмии худ ба рушди забони модарӣ, адабиёт ва фарҳанги миллӣ саҳм мегузоранд.***

***Инак, хонандагони гиромиқадр, мо тасмим гирифтем, ки дар саҳифаи навбатии «Адабиёт ва санъат» ба шумо, барои баҳрабардорӣ, аз эҷодиёти суханварони ин шаҳри бостонию бӯстонӣ чанд намуна пешниҳод намоем.***

***БАХШИ АДАБИЁТ ВА ҲУНАРИ «ОВОЗИ ТОҶИК».***

## *Гӯшаи назм*

**Нормурод КАРИМЗОДА**

### ТАЗМИНИ МИСРАИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

*«Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид»[1].*
*Мешавад хомӯш як шамъи сухан.*
*Мурғи дил ҳаргиз намехонад дигар,*
*Дар қатори дӯстон дар анҷуман.*

*«Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид»,*
*Ҷо диҳандам дар миёни хуфтагон.*
*Мешавам дамсоз бо аҳли қубур,*
*Дар сухан дигар бимонам ҷовидон.*

*«Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид»,*
*Дар талоши сӯзу сози зиндагӣ.*
*Бигзарам аз имтиҳони пурсупос,*
*То намонад ҳеч қарзи бандагӣ.*

*«Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид»,*
*Монда аз худ ёди некӯ меравам.*
*Гарчи бисёр афту хезе доштам,*
*Як ҷаҳони ишқ бо худ мебарам.*

---

*1.Мисраъ аз Фурӯғи Фаррухзод.*

### САМАРҚАНД

*Эй дӯст, биё, баҳри тамошои Самарқанд,*
*Лаззат бибар аз манзари зебои Самарқанд.*

*Гаҳвораи фарҳангу сарахбори тамаддун,*
*Ошӯби ҷаҳон шаҳри дилорои Самарқанд.*

*Ҳар кӯча пур аз файзу сафохез ҳама кунҷ,*
*Фахри ҳамагон санъати волои Самарқанд.*

*Пирони сухан рӯйида з-ин шаҳри биҳиштӣ,*
*Мардони хирад карда таманнои Самарқанд.*

*Ҳар мадрасаи он ба масал махзани дониш,*
*Дунёи ҳунар сайқали дунёи Самарқанд.*

*Ҳар рӯз бигӯ шеъри диловез ба васфаш,*
*Эй шоири дилдодаву шайдои Самарқанд.*

**Файзулло НАРЗУЛЛОЕВ.**

### ОШИҚӢ ИНТИХОБИ ДИЛ

*Субҳдами баҳор шуд, чаҳчаҳаи ҳазор ку?*
*Мавсими айш мерасад, ҳамдили ғамгусор ку?*
*Субҳи умед медамад, сабр зи даст меравад,*
*Фасли нумӯи гул расад, сабзаи навбаҳор ку?*
*Ғуссаву ғам кифоя шуд, вақти алам ниҳоя шуд,*
*То ки ба доди дил расад, муниси ғамбарор ку?*
*Ҳаҷр шикаст медиҳад, теғ ба даст медиҳад,*
*Ҷон ба лаб омад ин замон, ҷилваи ҳусни ёр ку?*
*Ҳарфи суоли қалбро кай шунаванд дӯстон,*
*Мон, ба рухаш назар кунам, манзили он нигор ку?*
*Гуфт, ки сидқ аз ошиқист, ошиқӣ интихоби дил,*
*Гар набувад ба ин тариқ? Ишқ ку, иқтидор ку?*

**Далершоҳ НЕЪМАТОВ.**

**Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА**

### САЛОМ

*Ҳар субҳи содиқ аз хоб*
*Хезам бо ҳусни одоб*
*Дасту рӯямро шӯям,*
*Шона занам ба мӯям,*
*Пас даст монда дар бар*
*Гӯям: «Салом, модар».*
*«Бобо, салом!» гӯям*
*«Додо, салом!» гӯям.*
*Пас шоду чоқу хандон,*
*Мактаб равам шитобон.*
*Гӯям саломи ҷӯшон*
*Бар хурду бар бузургон.*
*Донӣ, «Салом, Раъно,*
*Дорад ба худ чӣ маъно?»*
*Яъне: «Бошӣ саломат*
*Ба ҳар кори ту омад!»*

### КИТОБИ ХОНИШ

*Чор ҳарфаке якҷо шуд*
*Як сухани зебо шуд.*
*Дар китоби нав сухан*
*Монанди ғунча во шуд.*
*Бо шеъру бо ҳикоя*
*Дар дилу дида ҷо шуд.*
*Баски расмаш буд рангин*
*Чун боғи дилкушо шуд.*
*Моро кашад ба сӯяш*
*Гӯё оҳанрабо шуд.*
*Дигар ку вақти бозӣ?*
*Бозӣ зи каф раҳо шуд.*
*Дар синфи якуми мо*
*Медонӣ, ки чиҳо шуд?*
*Баъди хатми «Алифбо»,*
*«Хониш» китоби мо шуд.*

### ҶОН ФИДОЯТ БОД

*Барги гул рашк аз пари парвона кард,*
*Гирди гул печиду дил девона кард.*

*Баҳра гирад аз шароби ноби васл,*
*Он, ки дурди ишқ дар паймона кард.*

*Ҳар куҷо ошиқ, чу гул омад ба ноз,*
*Ҳамчу булбул дил дар он ҷо лона кард.*

*Ишқ маъво чун ба дил пайдо намуд,*
*Пас дили вайронаро кошона кард.*

*«Ҷон фидоят бод» гӯяд Орифӣ,*
*Бар касе к-ӯ ёди он ҷонона кард.*

**Самар ОРИФӢ.**

### ШОМИ ТИРАМОҲ...

*Ба ёдат ҳаст шоми тирамоҳе,*
*Ки ҳарду сайр мекардем дар боғ?*
*Дили мо ҳам зи тафти оташи ишқ,*
*Даруни синаҳо буд ончунон доғ.*

*Ба ёдат ҳаст оё андар он шом,*
*Хазонҳо дар замин пажмурда буданд,*
*Ҷудо аз ёри худ гардида гӯё,*
*Ба зери пойи мо озурда буданд*

*Ту мегуфтӣ, ки ишқи мо на фонист,*
*Ба мисли баргҳои ин дарахтон.*
*Намегардем мо тобеи тақдир,*
*Ба ҳам бошем рӯзи барфу борон.*

*Само он шаб басо истора мерехт,*
*Намеомад чу мо бар дидааш хоб.*
*Намегунҷид аз шодӣ ба сина,*
*Ҳамон шаб чун дили ман қалби моҳтоб.*

*Кунун аз он хиёбон меравам боз,*
*Ҳама бебарг бинмояд дарахтон.*
*Ҳаво сард аст ҳамчун пайкари ман,*
*Ту гӯйӣ омада фасли зимистон.*

*Нигаҳ бар осмон кардам ман имшаб,*
*Само олуда буду тира метофт,*
*Бидидам к-андар ин шаб чун дили ман,*
*Маҳ он ҷо нима буду хира метофт.*

*Зи ман рафтиву кардӣ бевафоӣ,*
*Шикастӣ он ҳама қавлу қарорат.*
*Вале гӯям Худо ёри ту бодо,*
*Набошад ҳеч кам авҷу барорат.*

**Зикруллои ЗУБАЙДУЛЛО.**

# ҲУНАРИ ВОЛОИ ПАЙКАРАСОЗ

***Дар зиндагиномаи ҳайкалтароши самарқандӣ Нина Истомина ба ҷуз заҳмату ранҷ, бурдбориву матонат ва комёбиву шодмонӣ дигар чизе ба назар намерасид, аммо бо амри тақдир тарки зодгоҳ кардан лаҳзаҳои маҳзуну риққатовар буд барои вай. Таскини дилаш асарҳои нотакрору ҳунармандонааш буданд, ки дар Самарқанд ба ёдгор гузоштааст.***

### ВОХӮРИИ НАХУСТИН

Чун дирӯз дар ёд дорам. Дар ноҳияи Самарқанд маҷмаи чорвопарварие вуҷуд дошт. Солҳои 80-уми асри гузашта собиқ роҳбари давлат Иномҷон Усмонхӯҷаев бояд бо фаъолияти корхонаи мазкур шинос мешуд. Маҷмаи чорвопарварӣ барои истеҳсоли маҳсулоти гӯшт ихтисос ёфта буд. Кадоме пешниҳод кард, ки дар даромадгоҳи корхона муҷассамаи барзагови калону фарбеҳро гузоштан лозим. Бигузор «калон»-ҳо натиҷа гиранд, ки дар ин ҷо маҳз чунин нарговҳои хушзот парвариш меёбанд.

Шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомони Ӯзбекистон ба ҳайкалтароши ҷавону умедбахш Нина ин корро супурда, таъкид намуд, ки ба хатмкунандаи Донишкадаи санъати Ленинград ин имтиҳони аввалин хоҳад шуд.

Нина дар муддати кӯтоҳ супоришро иҷро кард.

Усмонхӯҷаев чанд лаҳза дар ҷояш шах шуда монд ва бо таҳаммулу таҳайюр сӯйи муҷассамаи барзагов нигоҳ карда гуфт:

– Аҷиб, магар ҳамаи чорвои парваришёбанда ба ин андоза ҷуссаи бузург доранд? Дар байн як лаҳза хомӯшӣ ҳукмрон гашт...

Ҳайкалтароши самарқандӣ хушҳол буд, ки кори нахустини ӯ ба сарвар писанд омад.

### ЁДЕ АЗ БАЧАГӢ

Самарқанд. Тобистон. Солҳои баъди ҷанги хонумонсӯзи дуюми ҷаҳонӣ. Дар зери тути балхӣ як гурӯҳ бачагони 5-7 сола саргарми аз лой аспча, одамча ва хонача сохтан буданд. Дар байни онҳо духтараки рус Нина низ ҳузур дошт. Вай чун дигар фарзандону наберагони муҳоҷирони Русияву Украина, ки дар Самарқанд маскан гирифта буданд, забони мардуми таҳҷоӣ, – тоҷикиро хуб омӯхта буд. Фикрашро озод баён карда метавонист.

«Ҳайкалтарошон»-и хурдсол асарҳои худро дар офтоб хушк карда, аз корашон завқ мебурданд. Муҷассамаҳо як пора лой не, гӯё як пораи қалби онҳо буданд.

Бо гузашти айём аксари онҳо рассом, ҳайкалтарош ва санъаткорони номдори Самарқанд шуданд, ки яке аз онҳо Нина Истомина мебошад.

Падари бузургаш иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ буду баъди дифои Ватан бо корҳои фоидабахши рангуборкунӣ машғул гашта, модари ғамхори ӯ касби дӯзандагӣ дошт. Дар оила се нафар фарзандон ба камол мерасиданд.

Он айём Нина, ки дар синфи ҳаштум таҳсил мегирифт, аллакай расм мекашид, аз пластелин муҷассамаҳои Ленин, Пушкин, Гагарин, Навоӣ ва дигаронро месохт.

Як даъфа муаллимаи фанни биология ба синфи онҳо ворид шуда гуфт, ки барои кабинети биология ҳайкалчаи қурбоққа лозим. Рӯзи дигар аксари хонандагон бо ҳайкалчаҳо омаданд, вале ба омӯзгор амали Нина писанд омад ва он аз кабинети биология ҷой гирифт.



Албатта, барои сайқал ёфтани истеъдоди ӯ маҳфили изостудияи Қасри пионерон ва мактаббачагони вилояти Самарқанд нақши муҳим бозид. Педагоги пурмаҳорат Антонина Ларина натанҳо расмкашӣ, балки асрори ҳайкалтарошиpo низ ба духтари соҳибистеъдод ёд дод. Шояд аз ҳамин сабаб ӯ пас аз хатми мактаби миёна ба шаҳри Тошканд рахти сафар баст ва ба омӯзишгоҳи санъати ба номи Павел Бенков дохил шуд.

Нина Павловна бештар дар китобхонаҳои Тошканд саргарми мутолиа буд, доир ба касбу кори худ маълумот мегирифт, дар шаҳру ноҳияҳо сайру гашт карда, ба сохти ҳайкалҳо диққату эътибор медод. Яке аз ҷойҳои дӯстдоштааш осорхонаи санъати тасвирӣ буд.

Вай дарк намуд ва тасмим гирифт, ки барои сайқал ёфтани истеъдод бояд дар яке аз марказҳои санъати тасвирӣ – Ленинград таҳсил гирад.

Соли дигар вай ба факултаи ороишию монументалии Донишкадаи санъати тасвирии Ленинград дохил шуд. Барои ӯ шаҳри таърихӣ – маркази фарҳангии Русия мактаби маҳорат буд. Дар маркази сайёҳӣ ва осорхонаҳои бешумор таҳсил гирифтан имкон дод, ки Нинаи донишҷӯ ба маҳораташ афзояд. Вай ҳангоми таҳсил дар Ленинград дар бисёр озмунҳои байналхалқӣ ширкат варзид. Соли 1975 асарҳои ӯ дар Прага ба маърази намоиш гузошта шуданд.

Пас аз бозгашт ба Ватан аз ҷониби роҳбарияти Иттифоқи рассомони вилояти Самарқанд супоришҳо гирифта, бо офаридаҳои хеш мухлисони санъати тасвирӣ ва меҳмонону мизбонони Самарқандро дар ҳайрат гузошт.

Ҳоло дар осорхонаҳои ноҳияҳои Нуробод, Ургут, Самарқанд, Ҷомбой асарҳои нотакрори ӯ маҳфузанд.

Аммо баъди пош хӯрдани давлати шуравӣ аввал фарзандону наберагон ва баъди чанд вақт шавҳараш рӯ ба ҷониби Русия оварданд. Духтараш Светлана ва писараш Артур аз паси модар рафта, касби ӯро омӯхтанд.

Нина Павловна бо дилкашолӣ тарки зодгоҳ кард. Ният дорад, ки боз ба Самарқанд баргардад.

Мо сари чанд вақт тавассути телефон суҳбат ороста, аз навидҳои олами санъати тасвирӣ якдигарро хабардор мекунем. Хушҳол ҳастам, ки Нина Истомина нияти дар Самарқанд намоиш додани асарҳои худро дорад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ШЕЪР ОИНАИ АНДЕШАВУ ЭҲСОС АСТ



(Аввалаш дар саҳ.3).

**— Шеърҳои навмашқонаи шумо аз назари кадом устодони шеър гузаштаанд?**

— Аз овони наврасӣ шеър машқ мекардам. Шеърҳои нахустинамро устод Акбар Пирӯзӣ аз назар гузаронда, дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» нашр карда буданд. Сипас, шеърҳоямро соли 1998 дар Сурхондарё ба устод Лоиқ Шералӣ ва Гулрухсор Сафиева хондам, ки онҳо низ ба ман тавсияҳои хуб дода буданд. Устод Лоиқ ба вазни шеър ишора намуда, таъкид намуданд, ки арӯзро омӯзам.

Шеъри ин устодон дар ҷавонӣ роҳнамои ман ва бисёр навқаламон будаанд. Аз шеърҳои Фурӯғи Фаррухзод сахт мутаассир шудам ва дар мактаби Фурӯғ омӯхтам, ки агар аз зистаҳову таҷрибаҳо шеър гӯйӣ, суханат воқеиву самимӣ хоҳад буд. Ба ин восита инсон худашро ҳам кашф мекунад.

**— Барои зан шоир будан осон аст?**

— Ба фикрам, дар шеър ҷинсият эътибор надорад. Занҳои мо чиҳоеро мулоҳиза менамоянд ва барои гуфтани сухан ва ифшои розҳои худ ҷуръат намеёбанд. Баъзан ман ҳам андеша мекунам, ки аз розҳоям нависам ё не. Вале вақте одам гуфтание дорад, фикр мекунам, бояд сухани худро гӯяд. Қадамҳои устувори Фурӯғи Фаррухзод, Гулрухсор Сафиева, Фарзонаи Хуҷандӣ ва чанд нафар шоирони муваффақи тоҷик дар ҷодаи шеър ба бисёр занҳои мо ҷуръат бахшидааст. Эҷодкорони мо набояд аз пайи кору бори зиндагӣ ва рӯзгордорӣ шуда, истеъдоди худро канор гузоранд. Бисёр мехостам, ки эҷодкорони мо баъд аз хонадоршавӣ ҳам ба эҷодиёти худ беэътино нашуда, дар роҳи шеъру ҳунар гомҳои устувори худро гузоранд.

**— То ҷое огоҳӣ дорем, чанд сол қабл веб-блоги худро роҳандозӣ карда будед. Вақте вориди ин торнома мешавем, пай мебарем, ки аксар матолибу мақолаҳо чанд сол муқаддам гузошта шудаанд. Дар замоне, ки истифодаи технологияи иттилоотӣ доман густурдааст, чӣ боис шуд, ки кори торномаро пеш намебаред?**

— Бояд бигӯям, веб-блоге, ки банда бо номи mehroin.blogspot.com таъсис додам, пас аз веб-блоги устод Адаш Истад дуюмин шабакаи интернетии тоҷикӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад (соли 2009). Он замон дигар шабакае ба забони модарӣ надоштем. Вебсайти «Samarqand.malakut.org», ки Шаҳзода Назарзода таъсис дода буд, берун аз кишвар фаъолият дошт. Дар веб-блоги mehroin.blogspot.com дар оғоз кӯшиш намудам, ки шоирони тоҷики Ӯзбекистониро муаррифӣ кунам — аввалин навиштаҳоям дар бораи шоирон Хоҷа, Баҳодури Убайдулло, Шариф Ярашев буданд. Мақолаҳои илмӣ, намунаи шеърҳоямро гузоштаам. Аммо имрӯз, ки телеграм ва ё фейсбук беҳтарин воситаи интишори андешаҳо ва намунаҳои осори адабию бадеӣ ва ғайра маҳсуб мешаванд, аз ин роҳ гоҳ-гоҳ ашъори худро ба дигарон манзур намудан беҳтар ва осонтар аст.

**— Ба байту шеърҳои ифтихорӣ чӣ гуна муносибат доред?**

— Шеъру байтҳои ифтихорӣ агар хуб адо шаванд, ҳунар аст. Шоирони бузург ин ҳунарро доштаанд ва шеърҳои ифтихориро хуб адо кардаанд. Чунончи, Хоҷа Ҳофиз фармудааст:

*Ҳофиз, чу оби лутф зи назми ту мечакад,*
*Ҳосид чӣ гуна нукта тавонад бар он гирифт.*

Ё ҷойи дигар:

*Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,*
*Ки бар назми ту афшонад фалак иқди сурайёро.*

Вақте ин қабил байтҳоро мехонед, ба шоираш таҳсин мегӯед ва ҳеч боиси малоли хотиратон намешавад. Хонандаи закӣ дар оинаи шеър метавонад шахсияти шоирро ташхис кунад.

**— Муҳити имрӯза барои эҷодкорон то чӣ андоза созгор аст?**

— Муҳити имрӯза ба ҷавонон мусоидтар ва имкониятҳо барои рушди эҷодии онҳо фароҳамтар аст. Зеро имрӯз ҷавонон метавонанд бо худи шоирон, чӣ шоирони ҳамватан, чӣ шоирони ҳамзабони берун аз кишвар вохӯранд, агар имкони суҳбати рӯ ба рӯ нашавад, тариқи шабакаҳои интернетӣ мулоқот карда, аз онҳо чизҳоеро омӯзанд. Дарёфт намудани китоб ҳам ҳоло мушкил нест. Агар нусхаи аслии китобе пайдо нашавад, нусхаи электрониашро дастрас кардан мумкин аст.

**— Ба шоирони ҷавон чӣ маслиҳатҳо дода метавонед?**

— Шоирони ҷавон ба мутолиаи бештар кӯшиш кунанд ва захираи дониши худро ғанӣ созанд, ки ин мояи асосии шеърҳои асил ба шумор меравад. Дар роҳи пурмашаққати эҷод устувор пеш раванд ва танқидҳоро дуруст қабул намоянд. Саъй кунанд, ки услуби худро пайдо кунанд.

Мусоҳиб
**Ҳасан СУЛАЙМОНӢ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 234. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.